***УДК 002***
***DOI 10.24412/3005-849X-2024-4-158-165***

# ***БАРРАСИИ МУШКИЛОТИ БОНУВОН ДАР КОНТЕКСТИ ЖАНРИ МАҚОЛА ДАР НАШРИЯИ «СУХАНИ ХАЛҚ» (солҳои 2018-2020)***

***Исмоилова Мафтуна Исмоилхӯҷаевна,*** *муаллимаи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров" (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# ***ОБСУЖДЕНИЕ ПРОБЛЕМ ЖЕНЩИН В ЖАНРЕ СТАТЬИ В ИЗДАНИИ «СУХАНИ ХАЛК» (2018-2020 гг.)***

***Исмоилова Мафтуна Исмоилхуджаевна,*** *преподаватель каф. журналистики и теории перевода ГОУ «ХГУ им. академика Б. Гафурова» (Худжанд, Таджикистан)*

# ***DISCUSSION OF WOMEN'S ISSUES IN THE GENRE OF ARTICLES IN THE PUBLICATION "SUKHANI KHALQ" (2018-2020)***

***Ismoilova Maftuna Ismoilkhojaevna,*** *lecturer of the department of journalism and translation theory under the SEI "KhSU named after academician B. Gafurov" (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail****: maftun_ismoilova@mail.ru*

*Хусусиятҳои инъикоси масоили ҳаёти бонувон дар нашрияи "Сухани халқ", ки нашрияи Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ба шумор меравад, баррасӣ шудааст. Нақши жанри мақола дар баррасии масъалаи зӯроварии оилавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Зикр гардидааст, ки дар давоми солҳои 2018-2020 дар нашрияи "Сухани халқ" оид ба ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти занон 44 мавод нашр шудааст, ки 14 - тои он (31,8%) ба мавзуи хушунату зӯроварӣ нисбат ба зан аз ҷониби шавҳар ва хушдоман бахшида шудааст. Таъкид шудааст, ки яке аз масоили мубрами ҳаёти ҷавондухтарон баъди ба шавҳар баромадан идомаи таҳсил мебошад, ки баъзе хушдоманон ва шавҳарон ба он монеа мешаванд ва кор то ҷудошавии оила мерасад. Имкониятҳои жанри мақола дар инъикоси масоили марбут ба хушунат ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Хулоса шудааст, ки таваҷҷуҳи доимии нашрия ба масоили бонувон, бахусус хушунати оилавӣ нисбат ба занон аз мубрами ин мавзуъ шаҳодат медиҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *нашрияи "Сухани халқ", Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, нашрияи мақомоти ҳизбӣ, жанри мақола, муаммоҳои ҷавонзанон, хушунати оилавӣ*

*Рассматриваются особенности освещения проблем из жизни женщин в издании «Сухани халк», являющемся партийным печатным органом исполнительного комитета Народно-демократической партии Таджикистана в Согдийской области. Проанализирована роль жанра статьи в обсуждении проблемы семейного насилия. Установлено, что в период 2018-2020 гг. в издании «Сухани халк» были опубликованы 44 статьи, посвящённые различным аспектам жизни женщин, из которых 14 (31,8%) затрагивают тему насилия в отношении женщин, исходящего от мужа и свекрови. Подчеркивается, что одной из актуальных проблем в жизни молодых женщин после замужества является продолжение профессионального обучения, чему в некоторых случаях препятствуют свекровь и муж и что иной раз приводит к распаду семьи. Изучаются возможности жанра статьи в освещении вопросов, связанных с семейным насилием. Сделан вывод, что постоянное внимание издания к проблемам женщин, особенно к теме семейного насилия, свидетельствует о её общественной значимости.*

***Ключевые слова:*** *издание «Сухани халк», Народно-демократическая партия Таджикистана, партийный печатный орган, жанр статьи, проблемы молодых женщин, семейное насилие*

*The article examines the specifics of covering problems from women's lives in the publication "Sukhani Khalq", which is the party printed organ of the executive committee of the People's Democratic Party of Tajikistan in the Sughd region. The role of the article genre in the discussion of the problem of domestic violence is analyzed. It was found that in the period 2018-2020, 44 articles were published in the publication "Sukhani Khalq" devoted to various aspects of women's lives, of which 14 (31.8%) touched upon the topic of violence against women from husbands and mothers-in-law. It is emphasized that one of the pressing problems in the lives of young women after marriage is continuing their professional training, which in some cases is hindered by the mother-in-law and husband and which sometimes leads to the breakdown of the family. The article explores the possibilities of the genre in covering issues related to domestic violence. It is concluded that the publication's constant attention to women's issues, especially to the topic of domestic violence, indicates its social significance.*

***Key-words**: "Sukhani Khalq" publication, People's Democratic Party of Tajikistan, party publication, genre of the article, young women's problems, domestic violence*

Таърихи таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марҳилаҳои ташаккули матбуоти ҳизбӣ то имрӯз аз ҷониби муҳаққиқон Иброҳим Усмонов [23], Аъзам Азимов [2], Гулмаҳмад Зокиров [10] мавриди таҳқиқ қарор гирифта, заминаҳои пайдоиш ва рушди он дар рисолаҳои илмии Раъно Бобоҷонова [6], Ширин Қурбонова [13], Барно Бобоева [7] ва дигарон баррасӣ шудааст.

Равшан аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ барои амалӣ намудани барномаҳои ҳизбии худ ва ворид шудан ба муҳити сиёсӣ, ҳамчунин тарғиби сиёсати худӣ, пеш аз ҳама, аз ВАО истифода менамоянд. Исбот гардидааст, ки дар ҷаҳони муосир яке аз воситаҳои муҳимми татбиқи сиёсати ин ё он ҳукумат ВАО, бахусус матбуоти даврии он аст [9].

Дар ҷомеаи муосир нашрияҳои ҳизбӣ дар инъикосу баррасии масъалаҳои муҳимми ҷомеа, бахусус масоили марбут ба ҳаёти бонувон нақши нишонрас доранд. Ба мисли дигар ҳизбҳои сиёсӣ, Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон низ ба паҳлӯҳои мухталифи ҳаёти занон дар ҷомеа диққати махсус медиҳад ва масоили мазкур дар нашрияҳои ин ҳизб ба таври васеъ бозтоб мешаванд. Аз ин рӯ, мавриди омӯзиши алоҳида қарор додани матбуоти ҳизбӣ аз аҳдофи муҳимми илми журналистика маҳсуб ёфта, дар шинохти вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, инчунин марҳилаҳои ташаккул ва рушди матбуоти ҳизбӣ дорои аҳаммият аст.

Фаъолияти «Сухани халқ» ба сифати нашрияи Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд аз 4-уми декабри соли 1993 оғоз мешавад. Ҳоло нашрия аз ҷаридаҳои сершумораи вилояти Суғд ба ҳисоб рафта, аз ибтидои соли 2024-ум бо теъдоди 15692 нусха ба нашр мерасад. Дар шароити кунунӣ «Сухани халқ» бо формати А-3 ба нашр расида, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 004-140 ба қайд гирифта шудааст.

Нашрияи «Сухани халқ» дар фазои иттилоотии вилояти Суғд замоне рӯйи кор омад, ки барои чунин як ҷарида холигоҳе мавҷуд буд ва он тавонист бо сабку усули тозаи замонавӣ, интихоби мавод ва мавзуоти рӯзмарраи муҳим, ироаи ғайримаъмулии афкору андеша, иртиботи қавӣ бо хонанда, саҳифаҳои ҷолиб дар муддати начандон тӯлонӣ хонандаи худро пайдо намояд [3, с. 18].

«Сухани халқ» таҳти шиори «Каъбаи умеди мо халқ асту бас» нашр мерасад. Нашрия аз саҳифаҳои махсуси «Ҳафтранг», «ЗИН» (зиндагии инсонҳои наҷиб), «Ҳамсафон», «Навиди ҳизбӣ», «Сухани сабз», «Созандагони Ватан» фароҳам омада, мавод зери рубрикаҳои «Мавқеи ҳизбиён», «Барои зиндагии шоиста», «Барномаи ҳизбӣ дар амал», «Мавқеъ», «Мавзуи рӯз», «Оини ҳамсоядорӣ» ва «Минбари хонанда» пешкаши хонанда мегардад.

Бо назардошти он ки дар як мақола ба риштаи таҳқиқ кашидани фаъолияти пурраи нашрия аз имкон берун аст, дар мақолаи мазкур маводи нашрия давоми солҳои 2018-2020 дар мавзуи зӯроварии оилавӣ нисбат ба занон мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Таҳлили мо нишон дод, ки паҳлуҳои гуногун ва масъалаҳои мубрами ҳаёти бонувон дар мақолаҳои «Тифлакамро зиндаятим намуданд», «Хушдоман: ё ман ё занат!», «Туҳматчӣ хор мешавад», «Хиёнат мӯд шудааст?», «Қурбонии муҳаббат», «Занҳо ҳам хиёнат мекунанд?», «Авсун-душман?», «Модарозор шудаем?», «Келини донишҷӯ: манфиати ӯ бештар ба ки мерасад?», «Хушдоман: фармонфармо ё тарбиятгар?», «Мурғи арзонхор», «Хиёнат-омили маъмулии пошхӯрии оилаҳо», «Зиндагӣ бе хушунат зебост», «ВНМО-вабои аср» баррасӣ гардида, дар онҳо муҳимтарин нуктаҳо ба миён гузошта шудаанд.

Мавзуи хушунатро намояндагони илмҳои гуногун, аз ҷумла равоншиносӣ – Давлатов М. ва Муминова С, ҳуқуқшиносӣ - Махмудов М.А., Тагаева С.Н, ҷомеашиносӣ - Кувватова А. мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ Давлатов М. таърифи зерини хушунати оилавиро пешниҳод кардааст: “Зӯроварӣ амале мебошад, ки ҳеҷ узре надорад, новобаста аз он ки, кӣ, кай ва дар куҷо онро содир мекунад. Зӯроварӣ дар оила хосияти боз ҳам бештар харобиовар дорад, чунки аз тарафи одами наздике, ки ҷабрдида аз аввал ба ӯ эътимод дошт, ба вуқӯъ меояд ва бо назардошти сабабҳои зиёде, ҷабрдидаро нотавон мегардонад [12].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба зӯроварӣ дар оила чунин таъриф медиҳад: “Ин кирдори зиддиҳуқуқии қасдан дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад”[14, с. 1].

Навиштае бо номи «Тифлакамро зиндаятим карданд» («Сухани халқ», №7 (475), 22-юми феврали соли 2018) зери рубрикаи «Минбари хонанда» дарҷ гардидааст. Дар он аз зиндагии Саиднисо Абдусатторова ном сокини ҷамоати Унҷии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров сухан меравад, ки бо тифли 21-рӯза аз шавҳар ҷудо шудааст. Мавод бо имзои худи ҷабрдида нашр шуда, меҳвари асосии мавзуи мақоларо хушунат ба занон ташкил медиҳад.

Дар маводи мавриди таҳлил зӯроварӣ нисбат ба ҷабрдида аз ҷониби хушдоман, яъне модаршӯ сурат гирифтааст. Нақл меравад, ки келину шавҳар дар фасли зимистон дар хонаи сард, аммо хусуру хушдоман дар хонаи гарм зиндагӣ мекарданд. Шавҳар аз тарси модар бо вуҷуди он ки соҳиби мошини шахсӣ буд, рӯзи таваллуд занро бо нақлиёти мусофиркашон ба беморхона фиристодааст. Меҳнати ҷисмонии хушунатомез баъд аз таваллуд сабаб шудааст, ки модару кӯдак дар беморхона бистарӣ гарданд.

Аз таҳлили маводи мазкур бармеояд, ки омили хушунат ва ҷабр ба келин дар ин оила рашки модаршӯ мебошад. Мутафаккири тоҷик Аҳмади Дониш дар китоби “Наводир-ул-вақоеъ” сабаби рашки модаршӯро дар муҳокимаронию хулосаҳои носолими ӯ медонад: “Фарзанд қитъаи гӯште наифу оҷиз буд, ки ба саъю таваҷҷуҳ ва тарбияти ман рушду камол ёфта ва басе айём рӯзҳо ба шаб овардаам ва дар тарбияташ хунҳо ошомида ва барои талаб ва хавфи талафи ӯ басо ба кӯча-бозор давида. Ҷазои ин эҳсон ҷуз ин нест, ки саранҷом фатқу ратқи маҳоми фарзанд ба дасти ихтиёри ман бошад ва ӯ бе савобдид ва маслаҳати ман набояд, ки даме об биёшомад” [4, с.166]

Ин андешаи мутафаккир имрӯз низ дар ҷомеа аҳаммияти вежа дорад, зеро дар аксари оилаҳое, ки дар онҳо зӯроварию хушунат ба мушоҳида мерасанд, маъмулан маҳз рашки модаршӯ ва муносибати нодурусти ӯ нисбат ба ҷойгоҳи келин дар хонаводаи шавҳар асоси ҷанҷолу ҳамдигарнофаҳмӣ мегардад.

Мусаллам аст, ки хушунат метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад ва оқибатҳои харобиовар ба бор орад. Дар мисоли маводи мавриди таҳлил зӯроварӣ ба коҳиш ёфтани вазъи солимии модару кӯдак ва ҷудошавии ин оила сабаб шудааст.

Дар нашрияи "Сухани халқ" ба мавзуи хушунат ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, аз мушкилоти бонувон асосан ҳамин масъала бештар таҳлил шудааст. Дар мақолаи «Хушдоман: ё ман ё занат!» низ («Сухани халқ», №8 (476) аз 1-уми марти соли 2018) зиндагии чанд нафар ҷавондухтарон, ки дар хонаводаи шавҳар зери амали хушунатбор мондаанд, таҳлил шудааст. Аз ҷумла, қаҳрамони мақолаи мазкур Шарифа ном сокини 24-солаи маркази вилоят ба хушунат гирифтор шуда, мунокиша дар ин оила аз масъалаи идомаи таҳсили келин шуруъ шудааст.

Аз таҳлили мавод маълум мешавад, ки ҷониби домод баъд аз тӯй ба ваъдаи худ вафо накарда, дар назди келин шарт мегузоранд: ё таҳсил, ё оила?! Аммо даст кашидани Шарифа ҳам аз таҳсил ба нофаҳмӣ ва ҷанҷолҳои оилавӣ нуқта гузошта натавонист: "Сабаби дигари ҷудоии ману шавҳарам нофаҳмиҳои байни ман ва хушдоманам буданд. Ӯ писарашро ба муқобили ман омода кард, ки дар натиҷа азоби зиёд кашидам. Ҳатто ҳолатҳое буданд, ки аз таъсири латукӯби шавҳар дар беморхонаҳо бистарӣ гардидам" [19, с. 4].

Зӯроварӣ дар оила вайронкунии ҷиддии ҳуқуқи инсон ба ҳисоб рафта, боиси сар задани мушкилоти иҷтимоии дигар, аз қабили афзоиши бекоршавии ақди никоҳ, никоҳҳои барвақтӣ, аз таҳсил дур мондани кӯдакон ва ғайра мегардад [5, с. 39].

Хушунат дар мисоли маводи мазкур низ пайомади нохуш оварда, дар асоси шарти модаршӯ "Ё ман, ё занат?!" ба ҷудошавии оила сабаб шудааст. Муаллифи мақола пошхӯрии оилаҳоро дар асоси шарт ва ё фишори хушдоман баррасӣ намуда, дар ин замина андешаи намояндаи динро овардааст. Хоҷамир Хоҷамиров, муовини раиси Шӯрои уламои дини вилояти Суғд гуфтааст, ки ҷавонон набояд ба хотири якравии волидонашон аз ҳамсарони худ ҷудо шаванд: "Падару модар ба фарзанд шарт гузоранд, ки агар занатро сар надиҳӣ, туро оқ мекунем, агар зан гуноҳ надорад ва мард занашро аз ин хотир талоқ надоду волидайнаш ӯро оқ кардаанд, дар ин ҳолат фарзанд оқ намешавад, чунки ин ҷо дастури Аллоҳ болотар аз дастури падару модар аст" [19, с. 4].

Мусаллам аст, ки дини Ислом хушунатро маҳкум мекунад. Ҳама гуна фишор ва зӯроварӣ нисбат ба зан тибқи шариат манъ мебошад. Дар ин самт шавҳар вазифадор ва масъул аст, ки бо зан зиндагии хуб ва гуворо дошта бошад, зеро Худованд мефармояд: «Ва бо занон бо хушрафторӣ зиндагонӣ кунед» [16].

Муъовия ибни Ҳайда аз Расули Худо (с) пурсид, ки занони мо бар мо чи ҳаққе доранд? Расули Акрам фармуд: Чун таом хӯрӣ, таомашон диҳӣ ва чун либос пӯшидӣ, ӯро либос бипӯшонӣ ва ба рӯи зан силӣ (шаппотӣ) мазан! Ба ӯ нагӯ, ки Худо туро зишт созад ва ҷуз дар хона аз ӯ дурӣ макун [1].

Муҳаққиқони тоҷик А. Саъдулло ва П. Гулмурод мақоларо жанри таҳлилӣ шинохта, хусусияти асосии онро дар ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор додани "проблемаҳои ҳаётӣ" донистаанд. Ин муҳаққиқон дар заминаи андешаи донишманди рус М. С. Черепахов мақоларо "яке аз жанрҳои муҳими публитсистӣ" донистаанд, ки "бо гузориши проблемаҳои ҳалталаб ва хулосаҳои назаррас аз дигар жанрҳо фарқ мекунад" [20 ,с.15].

Фаро гирифтани маълумоти зиёди оморӣ, вусъати андешаи қаҳрамон, бозгӯи мавқеи равоншинос ва мавқеи чашмраси коршинос бартарии мақоларо нишон медиҳад. Дар баробари ин бартариҳо дар мақола боз як қатор масъалаҳое ҳам ҳастанд, ки равшанӣ андохтан ба онҳо, аз ҷумла муносибати қонун ба хушунат ба таҳлили амиқи мавзуъ мусоидат менамояд.

Бо мақсади пешгирӣ намудани кирдорҳои зӯроварона дар оила Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар

оила»-ро қабул намуд. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ба танзим дароварда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд [14, с. 1].

Монеъ шудан ба идомаи таҳсили духтарон баъд аз оиладоршавӣ мавзуи мубрам аст, ки оқибатҳои нохуш ба бор меорад. Одатҳои анъанавӣ аксар вақт нақши духтаронро танҳо ба умури хонаводагӣ маҳдуд мекунанд, ки ин раванд монеаи ҷиддӣ барои идомаи таҳсил мешавад. Ин дидгоҳ, ки мардон ҳамчун таъминкунандагони асосии оила ва занон ҳамчун масъули корҳои хонагӣ қабул мешаванд, садди роҳи таҳсили духтарон ва келинҳо мегардад. На ҳамаи хонаводаҳо ва муҳитҳои иҷтимоӣ ба арзиши таҳсили духтарон пас аз оиладоршавӣ назари мусбат доранд. Азбаски баъзе волидон ва ҳамсарон намефаҳманд, ки таҳсилоти баланд метавонад барои тамоми оила манфиатовар бошад, онҳо бо таҳсили духтарон пас аз оиладоршавӣ мувофиқ нестанд.

Ба мавзуи мазкур дар нашрияи “Сухани халқ” таваҷҷуҳи хос зоҳир шуда, ин мавзуъ дар мақолаи дигар низ таҳти унвони «Келини донишҷӯ: манфиати ӯ бештар ба ки мерасад?» («Сухани халқ, №47 (514) аз 20 декабри соли 2018 ) баррасӣ ёфтааст. Мақола зери рубрикаи «Маърифат: баҳс ва андеша» дарҷ гардида, дар он дар бораи чанд нафар ҷавондухтарон, ки баъд аз оиладоршавӣ бо сабаби идомаи таҳсил ба мушкил дучор шудаанд, нақл меравад.

Аз ҷумла, муаллиф дар бораи зиндагии Сабина, сокини ноҳияи Деваштич, ки орзуи омӯзгор шуданро дошт, мисол овардааст. Муаллиф зикр кардааст, ки волидони Сабина ӯро ба Дилшод ном ҷавон, ки ваъдаи мусоидат ба таҳсили духтарашонро дода буд, хонадор намуданд. Баъд аз ду ҳафтаи тӯй дар оилаи навхонадорон ҷангу ҷанҷол сар шуд. Шавҳари ҷавон занашро ба дарс рафтан намемонд. Хусуру хушдоман низ тарафдори писарашон буданд. Кӯшишҳои падару модари Сабина барои ҳалли ин муаммо натиҷа надоданд, зеро шавҳари ҷавон назди занаш “ултиматиум”-и аҷиб гузошт: ё ман, ё донишгоҳ!” Илова ба ин, Дилшод ба шароб дилбохта буду ҳангоми сархушии вай Сабина рӯзи хуш надошт [15, с.4].

Оиладории ҷавонон се моҳ давом карда, дар натиҷаи хушунати зиёд, ки ҳам аз ҷониби шавҳар ва ҳам хушдоман зоҳир гардид, Сабина аз шавҳараш ҷудо шуд.

Мавзуи таҳсилоти келинҳои ҷавон дар ҷомеаҳои суннатӣ, ба монанди Тоҷикистон, масъалаи муҳим ва мубрами иҷтимоӣ мебошад. Он ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ иртибот дорад. Таълими занон, махсусан пас аз издивоҷ, аз як тараф имкониятҳои рушди шахсият ва касбии онҳоро таъмин менамояд, вале аз тарафи дигар, дар баъзе оилаҳо душвориҳоро ба миён меорад.

Дар мақолаи мавриди назар дар бораи ду нафар ҷавондухтар нақл меравад, ки ҳарду барои ҳифзи оилаи худ аз ҷудошавӣ аз идомаи таҳсил даст кашидаанд.

Дилноза қаҳрамони дигари мақола аст, ки барои ӯ низ баъд аз оиладоршавӣ барои идомаи таҳсил монеаҳо эҷод шуданд.

“Вақте курси чаҳорумро тамом кард, Дилнозаро ба шавҳар доданд. Дилпур буданд, ки барои таҳсили духтарашон домоду хонаводаи вай монеъ намешаванд, зеро ҳамагӣ як сол боқӣ мондаасту халос.

Хусуру хушдоману домод ваъдаҳои пеш аз тӯй додаи худро фаромӯш карданд. Ҳатто нагузоштанд, ки як соли боқимондаи таҳсилро келини хонадон ба охир расонида, соҳиби диплом гардад” [15, с.4].

Дар ҷомеаи мо баъзе оилаҳо ба ин назаранд, ки таҳсилоти зан пас аз издивоҷ дигар аҳамият надорад ва ӯ бояд танҳо ба иҷрои вазифаҳои оилавӣ ва тарбияи фарзандон машғул шавад. Ин тарзи бархӯрд метавонад дар рушди шахсӣ ва касбии зан таъсири манфӣ расонад ва ояндаи иҷтимоии онҳоро маҳдуд кунад.

Аз таҳлили мавзуъ чунин бармеояд, ки мақола ба зарурати тағйироти иҷтимоӣ ишора мекунад. Муаллиф дар бораи фоидаҳои таҳсилоти занон таъкид намуда, кӯшиш намудааст, ки таваҷҷуҳи ҷомеаро ба ин масъала ҷалб намояд. Аммо дар мақола роҳи ҳалли ин мушкилот нишон дода нашудааст, ки ба назари мо, барои таҳлили мукаммали мавзуъ шарти зарурӣ ба шумор меравад.

Фаро гирифтани ҷавондухтарон ба таҳсил тақозои ҷомеаи муосир маҳсуб ёфта, аз таҳсил дур мондани онҳо ҳамчун мушкилоти доғи ҷомеаи муосир пайомадҳои нохуш дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштаанд: «Ҳар як духтар бояд баробари писарон таҳсил намояд, дониш ва касбу ҳунар омӯзад ва соҳиби хушбахтии ояндаи хеш гардад. Падару модароне, ки ба таҳсил ва касбу ҳунаромӯзии духтарони худ монеъ мешаванд, сабабгори дар оянда бадбахт шудани фарзандон ва оилаи онҳо мегарданд. Фаромӯш набояд кард, ки духтарони имрӯз модарони оянда, яъне тарбиятгарони насли фардо мебошанд ва зани босавод дар оила нақши бисёр муҳим мебозад» [21].

Дар мақолаи мазкур барои исботи мубрамияти мавзуъ ва монеаҳои таҳсили ҷавондухтарон кӯшишу талошҳо ба харҷ рафта, муаллиф аз зиндагии се ҷавондухтар мисолҳо овардааст, ки барои дуруст дарк шудани мавзуъ мусоидат мекунад. Аммо роҳҳои ҳалли масъала, ки талаботи муҳими жанрӣ маҳсуб меёбад, нишон дода нашудааст.

Мақола имконияти васеи баёни фикр ва андешаро фароҳам меорад. Яъне нисбат ба дигар жанрҳо муаллиф дар жанри мақола имкони бештар ва фарохи баёни ақидаро дорад. «Мақола беҳтарин василаи баёни фикр ва дарҷи ақида аст. Талошҳо барои озодии баён бештар дар атрофи ҳамин жанр сурат мегиранд, яъне одам ҳаққи ақидаи худро, муносибати худро изҳор кардан дорад ё не» [22, с. 59].

Ба назари мо, мақола барои таҳлили амиқ ва баррасии паҳлуҳои гуногуни мавзуъ ба муаллиф озодии бештар медиҳад. Аз ин рӯ, бо истифода аз имкониятҳои жанрии мақола нишон додани роҳи ҳалли масъала арзиши маводро бештар таъмин менамояд.

Хулоса, дар нашрияи “Сухани халқ” ба мавзуи занон таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти бонувон давоми давраи таҳқиқ 44 мавод ба нашр расидааст. Мушкилоти бонувон дар 14 мавод (31,8 %) мавриди инъикос қарор гирифтааст, ки онро аз рӯи мавзуъ тариқи ҷадвали зайл тасниф намудем:

| № | Номи мавод | Мавзуъ |
|---|---|---|
| 1. | «Тифлакамро зиндаятим намуданд» | Хушунат |
| 2. | «Хушдоман: ё ман ё занат!» | |
| 3. | «Модарозор шудаем?» | |
| 4. | «Келини донишҷӯ: манфиати ӯ бештар ба ки мерасад?» | |
| 5. | «Хушдоман: фармонфармо ё тарбиятгар?» | |
| 6. | «Мурғи арзонхор» | |
| 7. | «Зиндагӣ бе хушунат зебост» | |
| 8. | «Авсун-душман?» | |
| 9. | «Туҳматчӣ хор мешавад» | |
| 10. | «Қурбонии муҳаббат» | |
| 11. | «Хиёнат мӯд шудааст?» | Хиёнат |
| 12. | «Занҳо ҳам хиёнат мекунанд?» | |
| 13. | «Хиёнат-омили маъмулии пошхӯрии оилаҳо» | |
| 14. | «ВНМО-вабои аср» | Беморӣ |

Аз теъдоди умумии маводи нашрия вобаста ба мушкилоти бонувон беш аз 71% дар мавзуи хушунат таҳия ва нашр шудааст. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки ҳайъати эҷодии нашрия амиқ будани мушкилоти зӯровариро дарк намуда, бештар дар ҳамин мавзуъ мавод омода намудаанд. Муҳиммияти мавзуи мазкур дар нашрия ба таври зарурӣ таҷассум гардида, сабаб ва пайомадҳои нохуши он нишон дода шудааст.

Таҳлили мо нишон дод, ки дар давраи мавриди таҳқиқ ба ду мавзуи дигар – хиёнат ва бемории эътибор зоҳир гардидааст. Барои инъикоси зиндагии занону духтарон дар нашрия жанри мақола мавриди истифода қарор гирифтааст.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Абӯаломиддин. Дурратулвоъизин /Абӯаломиддин. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2003. – С. 216.*
2. *Азимов А.Таджикская журналистика в период культурной вевролюции / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2004.*
3. *Армуғони «Сухани халқ». – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 614 с.*
4. *Аҳмади Дониш. Осори баргузида / Аҳмади Дониш. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 144 с.*
5. *Баротова Г. Қ. Муаммоҳои иҷтимоию ҳуқуқии зӯроварӣ нисбат ба зан дар оила / Г. Қ. Баротова. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 114 с.*
6. *Бободжонова Р. Освещение политической жизни Таджикистана на страницах периодической печати России [1990-1995 гг.]: автореф. дис. канд. истор. наук / Р. Бободжонова. – Худжанд, 1998. – 22 с.*
7. *Бобоева, Б. Ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол: автореф. дис... номз. илм. филол. / Б. Бобоева. – Душанбе, 2021. – 50 с.*
8. *Бобоева Б. Заминаҳои пайдоиш ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол / Б. Бобоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ): бахши: филология. – Душанбе: Сино, 2021.– №3.– С.98-109.*
9. *Бобоева, Б. Шеваи таблиғи ғояҳои барномавии ҳизбҳои ҷудогона дар нашрияҳои даврӣ / Б. Бобоева // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд. – 2022. - №3 (72). – С. 119-124.*
10. *Зокиров Г. Сиёсатшиносӣ / Г. Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2010.*
11. *Давлатов М, Мӯминова С. Психологияи зӯроварӣ дар оила / Давлатов М., Мӯминова С. – Душанбе, 2006. – 59 с.*
12. *Давлатов, М. Дастур оид ба офиятбахшии психологии ҷабрдидаҳои зӯроварӣ дар оила / Давлатов, М. – Душанбе, 2016. – 96 с.*
13. *Қурбонова, Ш. Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ [дар солҳои 1994-2019]: автореф. дис. номз. илмх. таърих. – Душанбе, 2022. – 80 с.*
14. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» [Манбаи электронӣ]: https://mmk.tj/system/files/Legislation/954_tj.pdf*
15. *Мамирова Н. Келини донишҷӯ: манфиати ӯ бештар ба кӣ мерасад? / Н. Мамирова // Сухани халқ. - 20.12. 2018. - №47 (514).*
16. *Маркази Исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон: "Зиндагии бе хушунат зебост" [Манбаи электронӣ] https://shuroiulamo.tj/tj/articles/ids/1574*
17. *Муродов, М. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ /М. Муродов, О. Салимзода. – Душанбе, 2022. – 360 с.*
18. *Муродов, М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ / М. Муродов. – Душанбе: Деваштич, 2005. – С. 22.*
19. *Раҳимзода М. Хушдоман: ё ман ё занат! / М.Раҳимзода // Сухани халқ. - 01.03.2018. - №8 (476).*

20. *Саъдулло А., Пайванди Гулмурод. Жанрҳои таҳлилии матбуот / Асадуллои Саъдулло, Пайванди Гулмурод. – Душанбе, 1994. – 60 с.*
21. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар аз 07.03.2020. [Манбаи электронӣ] https://www.president.tj/event/speeches/20414*
22. *Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 140 с.*
23. *Усмонов И. Печать и международная пропаганда /И. Усмонов. –Душанбе, 1990. – 117 с.*


**REFERENCES:**


1. *Abualomiddin. Durratulvoizin. Khujand: Rahim Jalil State Publishing House, 2003. PP. 216.*
2. *Azimov A. Tajik Journalism During the Cultural Revolution. Dushanbe: Sharqi Ozod, 2004.*
3. *Armugoni "Sukhani Khalq". Khujand: Noshir, 2018. 614 pp.*
4. *Ahmadi Donish. Selected Works. Dushanbe: Irfon, 1976. 144 pp.*
5. *Barotova, G. Q. "Socio-Legal Issues of Violence Against Women in the Family". Khujand: Nashir, 2015. 114 pp.*
6. *Bobojonova, R. Coverage of Tajikistan's Political Life in Russian Periodical Press [1990-1995] // Abstract of the Candidate's Thesis in History. Khujand, 1998. 22 pp.*
7. *Boboeva, B. The Role of Party Press in the Information Space of Independent Tajikistan // Abstract of the Candidate's Thesis in Philology. Dushanbe, 2021. 50 pp.*
8. *Boboeva B. The Origins and Development of Party Press in Independent Tajikistan // Bulletin of the National University of Tajikistan (Scientific Journal), Philology Section. Dushanbe: Sino, 2021. No. 3. PP. 98-109.*
9. *Boboeva, B. Methods of Promoting Party Program Ideals in Periodicals // University Bulletin, Khujand, 2022, No. 3(72), PP. 119-124.*
10. *Zokirov G. Political Science. Dushanbe: Er-graph, 2010.*
11. *Davlatov M., Muminova S. Psychology of Domestic Violence. 2006. 59 pp.*
12. *Davlatov, M. Guide to Psychological Rehabilitation for Victims of Domestic Violence. 2016. 96 pp.*
13. *Qurbanova, Sh. The Role of the People's Democratic Party of Tajikistan in the Socio-Economic and Cultural-Political Life of the Republic [1994-2019] // Abstract of the Candidate's Thesis in History. Dushanbe, 2022. 80 pp.*
14. *Law of the Republic of Tajikistan "On the Prevention of Domestic Violence". Dushanbe, March 19, 2013, No. 954.*
15. *Mamirova N. Student Bride: Who Benefits More? // Sukhani Khalq, No. 47 (514), December 20, 2018.*
16. *Islamic Center of the Republic of Tajikistan: "A Life Without Violence is Beautiful" [Electronic source] https://shuroiulamo.tj/tj/articles/ids/1574*
17. *Murodov, M., Salimzoda, O. Basics of Journalism. Dushanbe, 2022. 360 pp.*
18. *Murodov, M. Some Issues of Journalism and Satirical Publicism. Dushanbe: Devastich, 2005. PP. 22.*
19. *Rahimzoda M. Mother-in-Law: It's Either Me or Your Wife! // Sukhani Khalq, No. 8 (476), March 1, 2018.*
20. *Saidullo, A. Analytical Genres in the Press / Asadullo Saidullo, Payvand Gulmurod. Dushanbe, 1994. 60 pp.*
21. *Speech of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon on the Occasion of Mother's Day, March 7, 2020. [Electronic source] https://www.president.tj/event/speeches/20414*
22. *Usmonov, I. Genres of Publicism. Dushanbe, 2009. -140 pp.*
23. *Usmonov I. Press and International Propaganda. Dushanbe, 1990. – 117pp.*